# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## Week 15: Politics and Religion: Intersections and Influences

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

## МАВЗӮИ 15: Сиёсат ва дин: ҳамбастагӣ ва таъсирҳо

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ
2. Сохтори сиёсии кишварҳои мусалмонӣ
3. Истиқлоли давлатӣ, арзишҳои динӣ ва афзалиятҳои стратегии онҳо

## 1. Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ

Дин яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, дар раванди ҳаёти ҷомеа нақши муҳим мебозад. Ба андешаи мутафаккирон ва ҷомеашиносони олам дин як падидаи отифӣ ва эҳсоси даруниест, ки заминаи пайдоиши он то ҷое оҷиз будани дарки инсон нисбати ҳаводиси табиат мебошад.

Файласуфи Юнони қадим Демокрит чунин андеша дошт: «Асоси ҳама динҳо тарс аст». Дин моҳиятан эътиқодест ба як қувваи фавқуттабиӣ, ки дар заминаи он эътиқод, масоили ахлоқӣ ва иҷти-моии инсон тарҳрезӣ мегардад.

Умуман, табиати ҷаҳонбинии динӣ хеле мураккаб буда, омӯзиши амиқеро талаб менамояд. То вақтҳои наздик дар адабиёт ва таҳқиқоти илмӣ динро ҳамчун рамзи торикию ҷаҳолат ва бесаводию бемаърифатӣ қаламдод мекарданд. Ҳол он ки дин зуҳуроти муайяни ҷамъиятӣ ва як рукни маданияти маънавӣ буда, арзишҳои умумиинсониро дар бар мегирад. Маълум аст, ки мазмуни ғоявӣ ва нақши ҷамъиятии дин бо мурури замон тағйир ёфта, дар лаҳзаҳои гуногуни таърих вазифаҳои мухталифро иҷро кардааст.

# Намудҳои муносибати дин ва сиёсат

**Теократия** – шакли ҳукуматест, ки дар он қудрат ба дасти рӯҳониён аст ва қонунҳои динӣ асоси низоми сиёсиро ташкил медиҳанд (масалан, Эрон, Ватикан).

**Секуляризм** – ҷудоии комили дин аз давлат; давлат дар умури динӣ дахолат намекунад ва баръакс (мисол: Фаронса, Туркия).

**Модели ҳамбастагӣ** – ҳамкории муайян байни сохторҳои давлатӣ ва динӣ бо ҳифзи истиқлолияти ҳарду (масалан, Олмон, Британияи Кабир).

Масъалаи дин ва сиёсат имрӯз яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Чунки бисёр ақидаҳо арзишҳо, нишондодҳо дар ҷомеа ба дин тааллуқ доранд ва маданияти сиёсии миллатҳо, халқҳо ва мамлакатҳои гуногун низ аз арзишҳои динӣ сарчашмаи маънавӣ гирифтаанд. Ин равандро бо он асоснок карда метавонем, ки дин як қисми шуури ҷамъиятӣ ва анъанаҳои динии миллатҳою халқҳо ба шумор рафта, дар инкишофи маданияти маънавӣ бениҳоят нақши калон бозидааст. Дин ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ аз давраҳои пайдо шудани аввалин давлатҳо характери сиёсӣ гирифт.

**Дин ҳамчун воситаи қудрат**

Дин метавонад барои:

- қонунӣ нишон додани ҳокимият истифода шавад;
- таҳкими ҳамбастагии миллӣ ва арзишҳои ахлоқӣ хизмат кунад;
- ҳамзамон метавонад ҳамчун **абзори идеологӣ** барои таъсир ба афкор ва сиёсати ҷомеа истифода шавад.

Имрӯз дар аксари мамлакатҳои Ғарбу Шарқ дин дар пешрафти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, мактабу маориф нақши хеле калон дорад. Дар кишварҳои насронӣ аҳзоби сиёсии динӣ хеле фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ амал мекунанд. Масалан, дар Италия хизби Христианӣ- Демократӣ, дар Олмон Иттиҳоди Христианӣ- демократӣ, Иттиҳоди Христианӣ - Сотсиалистӣ ва дар Австрия ҳизби Халқӣ фаъолона амал мекунанд. Аҳзоби сиёсии насронӣ аз хама бештар дар Аврупои Ғарбӣ нуфузи калон доранд. Дар 17 давлати Аврупо зиёда аз 20 аҳзоби сиёсии мазҳабӣ - христианӣ амал мекунанд. Чунин ҳизбҳо дар бисёр давлатҳои Амрикои Лотинӣ ва Африқову Осиё низ хеле зиёданд.

Аз ин рӯ, ба ҷаҳонбинии динӣ ҳама вақт баҳои якхела додан ғайриимкон аст. Чунончи, дар замони ҳозира дин барои ҳимояи инсон, ҳуқуқҳои умумибашарӣ, арзишҳои ахлоқӣ, ягонагию якдилии халқҳо заминаи боэътимоде пайдо менамояд. Ҳамзамон, ҷаҳонбинии динӣ метавонад, ғояҳои тамоман хилофи ин, яъне таассуб, ҳисси бадбинӣ ва ғайраро ривоҷ диҳад, ки дар таърих чунин воқеаҳо кам нестанд. Гузашта аз ин, ба ҳамагон маълум аст, ки ихтилофи динӣ ва худи диндорон дар ҷараёни воқеоти сиёсӣ чӣ гуна нақш бозиданд ва чӣ таъсире гузоштанд[1].

1. Қурбонов А.Ш. Аз дин то фалсафа. – Душанбе, 1984. – С.5-6.

Дар дин меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо мусбат ва қисми дигаре манфӣ мебошанд, аз ҷумла адолат ва зулм. Дин тарғибгари адолат буда, маҳкумкунандаи зулм мебошад. Маҳз ин ду амал динро вориди саҳнаи сиёсат месозад. Динро аз раванди ҳаёт дар канор гузоштан имконнопазир мебошад. Зеро дар он ҷомеае, ки зулму истисмор авҷ мегирад, дин ҳамчун тарғибгари адолати иҷтимоӣ вориди сиёсат мегардад. Аз ин хотир, дар раванди таърих неруҳои мухталифи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои хеш динро ҳамчун яроқи идеологӣ дар бисёр мавридҳо истифода намудаанд.

Олими диншинос Д. М. Угранович қайд менамояд, ки ахлоқ, иҷтимоиёт ва ташкилотҳои динӣ марзи дину давлатро муштарак месозанд. Мақсад ва вазифаи дину давлат ба истиснои эътиқод, ки дар дин вуҷуд дорад, муштарак мебошад. Зеро таъмини ваҳдат, амният, сулҳу субот ва адолати иҷтимоӣ мақсад ва вазифаҳои асосии дину давлат ба шумор меравand. Ба андешаи яке аз мутафаккирони ҷаҳони ислом, Муҳаммад Иқбол: «Дин ҷон аст ва давлат ҷисм». Пас ин ҳардуро аз ҳам ҷудо сохтан имконнопазир мебошад.

Таъсири мутақобила миёни сиёсат ва дин вуҷуд дорад. Ҷомеашиносонро оид ба масъалаи мазкур ба се гурӯҳ метавон ҷудо намуд:

Гурӯҳе бар чунин андешаанд, ки сиёсат барои идораи умури зиндагӣ лозим буда, дин низ ҳамчун падидаи отифӣ ва эҳсоси дарунӣ, ки тарғибгари ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад, наметавон онро сарфи назар намуд. Аз ин рӯ, робитаи сиёсат ва динро бояд нигоҳ дошт.

Гурӯҳи дувум бар чунин андешаанд, ки дин ва сиёсат марзи муштарак дошта, ҳатто ҳукумат бояд дар хизмати дин бошад. Ин назарияи идеологҳои исломӣ мебошад.

Гурӯҳи сеюм чунин андеша доранд, ки дин зараровар буда, онро бояд аз сиёсат дар канор гузошт.

Сиёсати давлат оид ба дин дар пояҳои озодии виҷдон, таҳаммулпазирӣ, гуногунфикрии ақидавӣ, эҳтиром ба ҳама дину оинҳо дар чорчӯбаи қонунҳои амалкунанда асос ёфтааст.

Раванди демократикунонии ҷомеа ва мусоидати Ҳукумати Тоҷикистон дар самти татбиқи амалии озодии виҷдон барои пайравии озодона аз таълимоти динӣ ва анҷоми маросимҳои динӣ ба шаҳрвандон барои фаъолияти диниашон шароити мусоид фароҳам оварданд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият ва аҳамияти озодии виҷдонро ба назар гирифта, дар моддаи 26 онро аз ҷиҳатиҳуқуқ конунӣ кардааст: «Ҳар кас, -қайд шудааст дар Конститутсия, -ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

## 2. Сохтори сиёсии кишварҳои мусалмонӣ

Сохтори сиёсии кишварҳои мусулмониро ҷомеашиносон ба се қисм ҷудо намудаанд:

1. Гурӯҳи кишварҳои мусалмоне, ки идеологияи расмии онҳо дунявӣ буда, дар онҳо қонунҳои гражданӣ, яъне сохтори ҳуқуқию конститутсионӣ амал менамояд. Гарчанде ки идеологияи дунявӣ амал намояд ҳам, вале дар баъзе аз ин кишварҳо, чун Республикаи Демократии Яман дар моддаи 47 Конститутсия ва моддаи 4 конститутсияи Ироқ ислом ҳамчун дини давлатӣ эътироф шудааст. Ба ин сохтори сиёсӣ аслан он кишварҳои мусулмоние шомил мегарданд, ки дорои режимҳои прогрессивӣ мебошанд.

2. Ба гурӯҳи дуюм он кишварҳое шомил мегарданд, ки аслан дунявӣ мебошанд, ки баъзе қонунҳои динӣ низ дар конститутсияи ин кишварҳо сабт гардидааст, яъне конститутсияи онҳо омехта мебошад, аслан масъалаҳои ахлоқӣ тавассути меъёрҳои шариати исломӣ тарҳрезӣ гардидаанд. Масалан, принсипҳои исломӣ дар сохтори давлат ва сиёсат дар моддаи 3 Конститутсияи Сурия, Алҷазоир моддаи 3, Тунис, Судон моддаи 15, Миср мувофиқи Конститутсияи кишварҳои мазкур ба органҳои интихоботӣ пешбарӣ кардани шахсони ҳизбие, ки ҳизби онҳо исломро ҳамчун сарчашмаи қонунҳо намедонад, манъ аст. Дар Малайзия ва Марокко дар сохтори давлатӣ Шӯрои уламои исломӣ амал мекунад, ки масоили ахлоқиро ба таълимоти исломӣ мутобиқ месозанд.

3. Ба гурӯҳи сеюм кишварҳои мусулмоние шомил мегарданд, ки дар онҳо ислом расман ба ҳайси идеологияи давлатӣ қабул шудааст. Тамоми қонунҳои давлатӣ дар асоси шариат тарҳрезӣ гардидаанд (Арабистони Саудӣ, Аморати Араб, Ливия, Лубнон, Покистон, Ҷумҳурии арабии Яман, Эрон)[1].

1. Ислам в современной политике стран востока. – М., 1986. – С.95.

Мувофиқи пешниҳодоти Созмони Конфронси Исломӣ давлати исломӣ бояд дорои принсипҳои зерин бошад:

1. Инсоният як оила мебошад ва ҳамаи инсонҳо дар назди Худованд баробар мебошанд. Бояд таассуби нажодиву миллӣ ва динию мазҳабӣ вуҷуд надошта бошад.

2. Давлат бояд манфиатҳои ҳамагонро баробар ҳимоя намояд. Барои давлат ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон дар ҷойи аввал гузошта шавад.

Олими замони Шӯравӣ Бартолд дар китоби худ «Халиф и султан» қайд мекунад, ки иттифоқ миёни давлат ва дин яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷаҳони ислом мебошад. Мутафаккири бузурги ҷаҳони ислом Берунӣ чунин меандешад, ки «Иттиҳоди давлат ва дин зинаи баландтарини ташаккулёбии ҷомеаи инсонӣ мебошад, зеро ҷавҳари дин адолат, бародарӣ, баробарӣ, озодӣ ва сулҳу амният мебошад»[1].

1. Бартольд В.В. Халифат и султан. Соч.6. – М., 1966. – С.29.

Дар солҳои 70-80-уми қарни XX дар ҷаҳони ислом як қатор ташкилотҳои байналмилалии исломӣ ба вуҷуд омаданд, ки ҳадафи асосии онҳо паҳн намудани таълимоти исломӣ дар тамоми сайёра ва ба вуҷуд овардани иттиҳоди исломӣ мебошад. Аз ҷумла яке аз ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии исломӣ Созмони Конфронси Исломӣ мебошад, ки он соли 1969 дар шаҳри Марокко (Работ) таъсис ёфта, 57 кишвари дунё ва созмони озодибахши Фаластинро дар бар мегирад. Ҳадафи асосии ин ташкилот ба вуҷуд овардани робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ байни кишварҳои аъзо мебошад. Ин ташкилот моҳи августи соли 1990 дар Қоҳира Декларатсия оид ба ҳуқуқи инсон дар исломро қабул менамояд, ки он аз 25 модда иборат аст. Дар ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ тамоми паҳлуҳои ҳуқуқи инсон тарҳрезӣ гардидаанд.

Ташкилоти дигари байналмилалии исломӣ Лигаи Ҷаҳони Ислом мебошад, ки он соли 1962 дар Арабистони Саудӣ таъсис дода шудааст. Шӯрои ин ташкилот намояндагони рӯҳониёни мусулмо-нони 50 кишвари оламро дар бар мегирад. Ин ташкилоти байналмилалии исломӣ барои мусалмононе, ки дар кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ зиндагонӣ мекунанд, барои сохтани масоҷид, таълимгоҳҳо кумаки молиявӣ расонида, адабиёти исломиро дар тамоми сайёра паҳн менамояд.

Ташкилоти дигари байналмилалии исломӣ Конгресси ҷаҳони ислом мебошад. Ин ташкилоти байналмилалии исломӣ дар соли 1926 дар Макка таъсис ёфтааст. Феълан дар 60 кишвари олам шуъба дошта, қароргоҳи он шаҳри Карочӣ мебошад. Мақсади ин ташкилот истиқлолияти комили иқтисодию сиёсӣ ба даст овардани кишварҳои мусулмонӣ ва ба вуҷуд овардани иттиҳоди исломӣ мебошад.

Дар раванди ҳаёти сиёсии кишварҳои исломӣ нақши ҳизбҳои сиёсӣ, ки хосияти динӣ доранд, хеле барҷаста аст.

## Ҳизбҳои исломиро асосан ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳизбҳои сиёсие, ки хосияти модернизатсионӣ доранд. Аъзои ин ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди ҳаёти сиёсии кишварҳои мусулмонӣ нақши фаъол мебозанд. Ба ин гурӯҳ чунин ҳизбҳои сиёсӣ дохил мешаванд: ҳизби «Истиқлол» дар Марокко, «Лигаи мусул-монон» дар Покистон, «Ҳизби наҷоти миллӣ» дар Туркия.

2. Ҳизбҳои исломие, ки сохтори онҳо бо «Бародарони исломӣ»-и асримиёнагӣ ва ҳизбҳои муосир омехта карда шудааст.

3. Ҳизби уламо, ки ба ин гурӯҳ аҳзоби сиёсӣ «Ҳизби ҷумҳурии исломӣ» дар Эрон, «Ҷамоати уламо» дар Покистон, «Ҷамоати уламо» дар Ҳиндустон дохил мешаванд ва дар дигар кишварҳои мусулмонӣ ин гуна азҳоби сиёсӣ низ амал менамоянд[1].

1.Ислам в современной политике стран востока. – М., 1986. – С.75.

Ҳар ки мехоҳад ба инсоният ва пешрафти он хизмат кунад, бояд асосҳои ҳақиқати куллро дар дини мубини ислом дарк намуда, онро барои сулҳу салоҳ, дӯстиву рафоқат, баробарию бародарӣ ва покиву ҷавонмардӣ амалӣ намояд. Ҳадафи дини ислом, пеш аз ҳама, ахлоқи пок, фикру амали солим, созиш ва назм байни афрод ва ҷомеа мебошад. Масалан, Бернард Шоу менависад: «Ман ҳамеша ба дини Муҳаммад (с) ба воситаи хислати наҷиби зинда буданаш ниҳояти эҳтиромро доштам. Ба назари ман, ислом танҳо мазҳабе аст, ки истеъдоди тавофуқ ва тасаллут, тағйири зиндагӣ ва мувоҷеҳа бо асрҳои мухталифро дорад. Ман пешбинӣ мекунам, ки аз ҳоло осори он падидор шудааст, ки имони Муҳаммад (с), мавриди қабули Аврупои фардо хоҳад буд. Ба ақидаи ман, агар марде мисли ӯ роҳбарии ҷаҳони навро ба уҳда бигирад, дар ҳалли мушкилоти он пирӯз хоҳад гашт ва сулҳу саодатро, ки орзуи башар аст, амалӣ ва таъмин менамояд».

Инкишофи дин аз содатару аниқ кардан ва озод намудан аз ҳар чизе, ки ӯро пӯшида медошт, аз қадимулайём аз ҷониби нобиғаҳои бузурги асрҳо ба ҷо оварда шудаанд.

Дарвоқеъ, на мисли зумрае аз ҷавононе, ки имрӯз фирефтаи сиёсати пардапӯшонаи дину мазҳабҳои бегона шуда, аз аслу насаби хеш рӯй мегардонанд. Чунин бегонашавӣ ба раванди ташаккулёбии ҳувияти динию миллӣ таъсири манфӣ расонида, унсурҳои нави бегонашавиро ба миён меоварад, ки ин хатари ҷиддие барои миллат аст.

## 3. Истиқлоли давлатӣ, арзишҳои динӣ ва афзалиятҳои стратегии онҳо

Масъалаи озодии виҷдон имрӯз ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқию ахлоқии байналхалқӣ табдил ёфтааст, ки оиди ин масъалаи муҳим Созмони Миллали Муттаҳид 10 декабри соли 1948 Эъломияи умумии ҳуқуқибашарро қабул кард, ки дар моддаи 18- уми он чунин навишта шудааст: «Ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳақ дорад. Ҳамчунин инҳукуқ озодии тағйири дин ё эътиқод, ба таври алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон пайравӣ кардан аз дини худ, омӯзиши расмӣ (умумӣ) ва ё хусусӣ, худопарастӣ ва иҷрои маросимҳоимазҳабиву хосро дар бар мегирад».

Масъалаи истиқлоли давлатӣ ва вазъи динӣ-сиёсӣ дар таҳлилҳои муҳаққиқон ҳамеша мавриди баҳсу муколамаҳои гуногун қарор гирифта, бештар аз конститутсияҳои кишварҳои мухталиф ва дигар сарчашмаҳои илмию ҳуқуқӣ маншаъ мегиранд. Таҳлили зиёда аз 60 конститутсияи давлати ҷаҳон нишон медиҳад, ки мавқеи дин ва давлат дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон хеле гуногун аст. Масалан, оид ба мавқеи ҳуқуқии калисо дар қонунҳои асосии танҳо се кишвари ҷаҳон Босния Герсеговина, Венгрия ва Венесуэла умуман чизе гуфта нашудааст. Ҷудо будани калисо аз давлат дар 13 сарқонун расман эълон карда шудааст.

Дар баробари ин, дар 10-тои онҳо (Булғория, Гондурас, Латвия, Македония, Португалия, Туркманистон, Ӯзбекистон, Украина, Хорватия ва Югославия) мафҳуми ҳуқуқии «калисо (ташкилоти динӣ, муассиса ё ҷамъият) аз давлат ҷудо мебошад» истифода мешавад. Дар конститутсияи Озарбойҷон ва Молдавия «давлат аз дин (ё парастиши динҳо) ҷудо аст» дарҷ гардида, дар конститутсияи Словения мафҳуми «давлат ва калисо аз ҳамдигар ҷудо мебошанд» омадааст.

Мафҳуми «дини ҳукмрон» танҳо дар конститутсияи давлати Юнон дарҷ гардида, мақоми дини расмӣ (давлатӣ) тавассути конститутсияи ҳафт кишвар – Британияи Кабир, Дания, Коста-Рика, Лихтенштейн, Малта, Монако ва Норвегия, расман эълон гардидааст. Мафҳуми ҳуқуқии «дини анъанавӣ» дар сарқонуни панҷ давлат – Андорра, Булғористон, Гурҷистон, Ҳиндустон ва Литва таҷассум ёфтааст.

Дастгирии махсуси як калисоро конститутсияи нуҳ давлат (Аргентина, Боливия, Гаити, Испания, Италия, Кипр, Колумбия, Македония ва Полша) иҷозат додааст. Аммо баръакс манъи расмӣ ё бартарияти ягон дин дар қонунҳои асосии – Албания, Белорусия, Гватемала, Ирландия, Литва, Никарагуа, Словакия, ИМА, Тоҷикистон, Украина, Эстония ва Япония ҷой дорад.

Дар баробари ин, қариб аксарияти мусалмонони Шарқи Наздику Миёна новобаста аз шаклҳои идоракунӣ пайравии исломро ҷонибдорӣ мекунанд. Дар Конститутсияи Арабистони Саудӣ чунин омадааст: «Шоҳигарии Арабистони Саудӣ-давлати озоди исломӣ бо доштани дини ислом аст. Қуръон ва Суннаи Пайғамбар… Конститутсияи он мебошад». Тахминан чунин муқаррарот дар Конститутсияи Эрон дарҷ ёфтаанд, чунончи: «Шакли идоракунӣ дар Эрон ҷумҳурии исломӣ мебошад, ки дар асоси дини мардуми Эрон бо волоият ва адолати Қуръон аст». Дар моддаи якуми Конститутсияи Султонии Умон чунин шарҳ дода мешавад, ки «давлати соҳибистиқлоли мустақили исломии арабӣ». Дар муқарраароти моддаи 2 «дини давлат - ислом, шариат-асоси қонунгузорӣ» дарҷ ёфтааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Яман низ чунин монандиҳо мавҷуд аст.

Давлатҳои исломии ин минтақа (ба ҷуз Арабистони Саудӣ ва Эрон) «озодии худмуаррифии диниро» кафолат медиҳанд. Ба шарте ки «ин бо рафтори дурусти омма қабулнамуда зиддиятнок набошад». Дар ин вазъ ҳам ислом дар ҳолати бартариятнок қарор дошта, ворид гардидани он ба ҳамаи соҳаҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ назар ба бисёр кишварҳои ҷаҳон хеле баланд аст.

Конститутсияҳои аврупоӣ дар ташвиқи хусусияти дунявӣ доштани давлат муносибати констутсиониро ба дин ва калисо хеле мухталиф нишон медиҳанд. Масалан, дар моддаи якуми Конститутсияи Фаронса чунин омадааст: «Фаронса ҷумҳурии иҷтимоӣ, ягона, дунявӣ ва демократӣ мебошад. Он баробариро дар назди қонун барои ҳама шаҳрвандон, новобаста аз мансубият, нажод, дин таъмин мекунад. Он ҳама динҳоро эҳтиром мекунад».

Ҳамин тавр, чуноне ки маълум аст, муносибати ҳар як кишвар нисбат ба дин гуногун мебошад.

Аммо истиқлоли сиёсӣ барои рушду нумӯи дин ва ҳолати диндорию диншиносӣ пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ барои бисёр кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шароитҳои мусоидро фароҳам овард. Новобаста ба он ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Мутобиқи моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон шудааст, ки он яке аз муҳимтарин мафҳумҳо ва меъёрҳои муайянкунандаи муносибати давлат ба дин, ташкилотҳои динӣ ва асли озодии виҷдон мебошад. Шакли дунявии давлатдорӣ яке аз шаклҳои комил ва таърихан озмудашудаи давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир буда, муносибтарин шакли танзими муносибатҳои дину давлат ва таъмини озодии эътиқод дар ҷомеа ба шумор меравад.

Хусусияти дигари ин масъала аз он иборат аст, ки масъалаи дин ва диндорӣ қариб, ки дар ҳама давру замон хусусияти нав пайдо намуда, баҳсҳои мухталифи илмиро ба миён меоранд. Масалан, ҳолатҳои давлатикунонидани дин дар бисёр назарияҳои теократии динҳо ба назар мерасад, аммо роҳҳои дар амал тадбиқ намудани он дар динҳои алоҳида назокати ниҳонӣ дорад. Дар ҳолати дигар, иддае аз сарварони динӣ динро на ҳамчун падидаи имонӣ, балки чун воситаи сиёсӣ дониста, бештар барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Албатта, дини ислом на танҳо дин, балки низоми фикрӣ ва эътиқодест, ки дар ҷомеаи имрӯза нуфузи зиёд дорад. Маълум аст, ки дар дини ислом аҳамият ба умумияти эътиқодӣ дода мешавад, на ба умумиятҳои миллию қавмӣ. Вале новобаста аз ин, бояд дар назар дошт, ки ҳастӣ ва ё таъйиноти инсон танҳо ба як ҷаҳонбинии динӣ ё миллӣ набояд маҳдуд бошад. Инсон барои рушди оянда бояд ҳадафҳои бузургтаре дошта бошад ва бо истифода аз захира ва имкониятҳои мавҷуда роҳҳои ба даст овардани онҳоро дарёфт карда тавонад.

Дар хусуси истифода аз неру ва имконияти унсурҳои динӣ дар ташкили ҳувияти миллӣ муаррих ва сиёсатшиноси англис Ҳобсбаум менависад: «Давлат бояд шаҳрвандони худро ба дини шаҳрвандӣ дохил кунад, қабл аз он ки ин амалро рақибони он анҷом диҳанд»[1]. Ҳобсбаум ин масъаларо бо истилоҳи «ихтирои анъанаҳо» баён намуда, таъкид менамояд, ки давлат бояд барои тақвияти «ваҳдати тасаввурӣ» ва «ҳувият»-и шаҳрвандон пайваста аз унсурҳои динӣ истифода кунад. Яъне, ба назари ин коршиноси масоили миллатшиносӣ, давлатҳои муваффақи миллӣ ба хубӣ тавонистанд аз неруи дин барои таҳкими ваҳдат ва ҳифзи манофеи миллӣ истифода баранд.

1.Хобсбаум Э. Нации и национальизм после 1780 г. – СПб.: Антей, 1998. – С.75.

Бояд гуфт, ки мафҳумҳои «давлатикунонӣ» ё «миллисозӣ» дар ҳолатҳои бисёр ба як мазмун истифода мешаванд, аммо дар муносибат ба динҳо хусусияти дигар пайдо менамоянд, ки мушаххасоти он аз таълимоти динӣ вобастагӣ дорад. Ин мафҳумҳо дар мадди назар чун зуҳуроти фармоишӣ ба зеҳну тафаккури инсон чандон таъсири мусбат надоранд. Масалан, дар иқтисодиёт давлатикунонӣ ин гузариш аз моликияти хусусӣ ба моликияти давлатӣ мебошад. Ба тарзи дигар, ин раванди мусодира намудани молу мулк аст, ки тадбиқи он танҳо дар ҳолатҳои фавқулода бояд амалӣ карда шавад.

Маълум аст, ки раванди давлатикунонии дин кашфиёти наве нест, он як баҳси хеле қадимаест, ки одамон дар раванди амалӣ намудани он ба масъалаҳои ҳассоси динию миллӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Яке таваҷҷуҳи бештар ба дин, дигаре ба ҳувияти миллию ифтихори ватандорӣ намуда, барои ҳастӣ ва муносибатҳои рӯзмарра талош меварзанд. Масалан, дину мазҳабро ҳамеша одамон ҳамчун падидаи арзишманд тасаввур намуда, кӯшиш менамоянд, ки онҳо худӣ бошанд.

Аз ҷониби дигар, ин равиш бояд барои пешрафти давлат тахти таҳлилу назорати умум қарор ёбад ва дар ҳолатҳои бисёр ҳисси миллию ватандӯстӣ ва боварии динӣ аз дигар шаклҳои ифротгароӣ фарқ дошта бошанд. Бояд гуфт, ки раванди ниҳоии давлатикунонии дин дар кадом сатҳе ки набошад, вобаста ба самтҳо бояд мантиқӣ ва ҳикмати хоссае дошта бошад.

Ҳамин тавр, раванди давлатикунонии дин гузариши сифатиест, ки ба сарварону нухбагони сиёсӣ ва шаҳрвандон вобастагӣ дорад. Ин раванд на танҳо мақсаднокӣ, балки тартибест, ки дар бисёр ҳолатҳо метавонад давлату миллатро аз вазъи ноустувори иҷтимоию сиёсӣ берун барорад. Барои расидан ба ин ҳадаф, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ, волоияти забони давлатӣ, таҳаммулпазирӣ, худшиносӣ ва шуҷоатмандии миллӣ бояд дошт.

Ҳамзамон, дин воситаест, ки метавонад барои давлат ва миллат дар арсаи байналмилалӣ афзалияти стратегиро диҳад. Айни замон муносибат ба ин раванд барои миллатҳои тозаистиқлол муҳиммияти миллиро дар бар мегирад.

Мазмуни давлатикунонии дин худ маънои гуногуни иҷтимоию динӣ ва сиёсӣ низ дорад. Инчунин, вобаста ба он ки дар кадом марҳилаи таърихӣ он чӣ гуна ва барои чӣ гузаронида мешавад, баҳогузорӣ карда мешавад. Бояд гуфт, ки вобаста ба дигаргуниҳои ҷаҳони муосир дар ояндаи начандон дур, идеяи ниҳонии давлатикунонии дин таваҷҷуҳи бисёр таҳлилгаронро ба худ ҷалб хоҳад кард. Зеро дигар раванди омезиши адешаҳои динию миллӣ дар бисёр кишварҳо хусусияти пуштибонӣ ва ҳимояи миллиятро пайдо менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки худи раванди ниҳонии давлатикунонии дин, агарчи барои бисёриҳо дар баъзе соҳаҳои ҳаёт чандон кори хуб набошад ҳам, он як омили муҳим барои ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим дар пешрафти давлату миллат ба шумор меравад. Ба андешаи мо, моҳият ва аҳамияти ин масъала, рӯз то рӯз барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дину мазҳаб муҳиммият пайдо менамояд.

Намояндагони дини насронӣ бар он андешаанд, ки калисо метавонад ва бояд тавонад ба манфиатҳои миллии худӣ хизмат намояд. Инчунин, тақвият медиҳанд, ки калисо дар ҳоле аз уҳдаи ин масъала мебарояд, ки гурӯҳҳои манфиатҷӯ надошта бошад, лекин чӣ гуна рақибоне, ки надошта бошад, онҳо доимӣ нестанд, вале арзишҳои миллӣ доимӣ ва аз бисёр арзишҳои дигар афзалтаранд.

Айни замон, агар танҳо дин асоси ҷаҳонбинии мардумро ташкил диҳад, ҷой барои дигар шакли ҷаҳонбинӣ дар ҷомеа нахоҳад монд.

Дин ва сиёсат ду ҷараёни ҷудонопазиранд, ки дар ташаккули тафаккур, фарҳанг ва сохтори иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим доранд. Ҳамкории мутаносиб ва мутавозини онҳо метавонад ба субот, рушди маънавӣ ва ваҳдати миллӣ мусоидат намояд, дар ҳоле ки омезиши шадид ё ҷудоии пурра метавонад мушкилоти иҷтимоиву сиёсӣ ба миён орад.

## Адабиёт


1. Қурбонов А.Ш. Аз дин то фалсафа. – Душанбе, 1984. – С.5-6.
2. Ислам в современной политике стран востока. – М., 1986. – С.95.
3. Бартольд В.В. Халифат и султан. Соч.6. – М., 1966. – С.29.
4. Ислам в современной политике стран востока. – М., 1986. – С.75.
5. Хобсбаум Э. Нации и национальизм после 1780 г. – СПб.: Антей, 1998. – С.75.
6. Г. Зокиров Системаи сиёсӣ: Масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. Душанбе 2011.-с.16-17

7. Фаркушин М. Х. Политическая система общества «Социально – политические науки». 1991. №5.

Ташаккури зиёд!